**“ТАСДИҚ КАРДА ШУД”**
Бо Қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 14 декабри соли 2015

# НИЗОМНОМА
# дар бораи ёрдамчии адвокат

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ" ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардидааст.
1.2. Низомнома шартҳо ва тартиби истифода намудани меҳнати ёрдамчиёнро аз ҷониби адвокатҳо ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти касбиашон ба танзим медарорад.
1.3. Шумораи ёрдамчиёни адвокатро Иттифоқи адвокатҳо муайян менамояд.

## 2. Соҳиб шудан ба мақоми ёрдамчии адвокат

2.1. Ёрдамчии адвокат шахсе буда метавонад, ки таҳсилоти олӣ ё олии нопурраи ҳуқуқшиносӣ дорад.
Шахс ҳуқуқи соҳиб шудан ба мақоми ёрдамчии адвокатро надорад, агар:
- мувофиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон қобилияти амалаш маҳдуд карда шуда ё ӯ ғайриқобили амал эътироф карда шуда бошад;
- барои содир кардани ҷинояти қасдона доғи судӣ дошта бошад.

2.2. Қабул намудан ба сифати ёрдамчии адвокат дар асоси аризаи шахсе, ки хоҳиши ёрдамчии адвокат шуданро дорад (довталаб) ва аризаи адвокате, ки мехоҳад дар фаъолияти худ меҳнати ёрдамчиро истифода намояд (адвокат-сарпараст), сурат мегирад.

То ворид шудан ба ҳайати ёрдамчиён, довталабон дар ташкилоти адвокатӣ аз сӯҳбат мегузаранд.

Барои иштирок намудан дар сӯҳбат ва ҳалли масъалаи ворид кардан ба ҳайати ёрдамчиён ба ташкилоти адвокатӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:
- аризаи шахсии довталаб;
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият;
- тарҷумаи ҳол;
- тавсифнома ба довталаб аз ҷойи таҳсил (ё ҷойи кори пешина);
- нусхаи ҳуҷҷати таҳсилоти олӣ ё олии нопурраи ҳуқуқшиносӣ;

– дафтарчаи меҳнатӣ;
– маълумотнома дар бораи ҷой надоштани доғи судӣ;
– аризаи адвокати сарпараст бо соядасти роҳбари ташкилоти адвокатие, ки дар он адвокати сарпараст кор мекунад, бо изҳори розигӣ ҷиҳати ворид намудани довталаб ба ҳайати ёрдамчиёни ин ташкилоти адвокатӣ.

2.3. Аризаи довталаб дар бораи ба сифати ёрдамчии адвокат қабул намудан аз ҷониби роҳбари ташкилоти адвокатӣ дар ҳузури довталаб ва адвокати сарпараст баррасӣ карда шуда, ҳамзамон сатҳи умумии омодагии довталаб ва сабабҳое, ки барои пешниҳод намудани ариза ҷиҳати қабул намудан ба сифати ёрдамчии адвокат асос гардидаанд, муайян карда мешавад.

Аз рӯйи натиҷаҳои баррасии ариза, роҳбари ташкилоти адвокатӣ дар бораи ворид намудан ба ҳайати ёрдамчиён ё рад кардани ариза қарор қабул мекунад.

2.4. Ҳангоми қабул намудани қарор дар бораи ворид намудани довталаб ба ҳайати ёрдамчиён бо ӯ шартномаи меҳнатӣ баста мешавад.

Тарафҳои шартномаи меҳнатӣ ташкилоти адвокатӣ ва ёрдамчӣ мебошанд.

Дар сурате, ки адвокати сарпараст фаъолияти худро дар кабинети адвокатӣ амалӣ намояд, шартномаи меҳнатӣ бевосита бо худи адвокат баста мешавад.

Бо шартномаи меҳнатӣ ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ташкилоти адвокатӣ, ёрдамчӣ, адвокати сарпараст, тартиб ва андозаи пардохти музди меҳнати ёрдамчӣ, реҷаи корӣ, мӯҳлати амали шартнома, шартҳои қатъ гардидани он муқаррар карда шуда, инчунин дигар масъалаҳои бо муносибатҳои байни ташкилоти адвокатӣ, адвокати сарпараст ва ёрдамчӣ алоқаманд танзим мегарданд.

Ба кор қабул намудани ёрдамчии адвокат бо фармони (амри) роҳбари ташкилоти адвокатӣ, ки дар асоси шартномаи меҳнатии басташуда баров진да шудааст, ба расмият даровarда мешавад.

Нисбати шахсоне, ки ба ҳайати ёрдамчиён ворид карда шудаанд, дар ташкилоти адвокатӣ пешбурди парвандаҳои шахсӣ ба роҳ монда шуда, дафтарчаҳои меҳнатӣ пур карда мешаванд.

2.5. Ба ёрдамчии адвокат шаҳодатномаи намунаи муқарраршуда дода мешавад. Ҳангоми аз ҳайати ёрдамчиён хориҷ намудан, шаҳодатнома бояд ба ташкилоти адвокатӣ супорида шавад.

## 3. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои ёрдамчии адвокат

3.1. Ёрдамчии адвокат фаъолияти худро таҳти роҳбарии адвокати сарпараст аз рӯйи шартҳои шартномаи меҳнатии басташуда амалӣ менамояд.

3.2. Ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти худ ёрдамчии адвокат ҳуқуқ дорад:

– аз махзани маълумотии ҳуқуқӣ ва адабиёти махсус, ки дар ташкилоти (воҳиди) адвокатӣ мавҷуд мебошанд, истифода намояд;

– ба мураттабсозии маводи меъёрии ҳуқуқӣ, ҷамъбаст намудани амалияи ҳуқуқтатбиқкунӣ, ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо ва дигар маводҳо, ки барои адвокати сарпараст ҷиҳати иҷро намудани супоришҳои қабулнамудааш зарур мебошанд, машғул шавад;

– бо супориши адвокати сарпараст бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ дар давраи таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ, дар судҳои умумӣ, дигар мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ бо маводҳои парвандаҳо шинос шавад, иттилооти заруриро, ки дар парванда мавҷуданд, дарҷ кунад, аз онҳо нусхабардорӣ ё иқтибос намояд;

– дар рафти пешбурди таҳқиқ, амалҳои тафтишӣ ва мурофиаҳои судӣ бо иштироки адвокати сарпараст ҳузур доштa бошад;

– бо супориши адвокати сарпараст лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро омода намояд;

– бо супориши адвокати сарпараст манфиатҳои ваколатдиҳандаро бо розигии ӯ дар дигар мақомоту ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ намояндагӣ кунад;

– дигар амалҳоеро, ки қонунгузории амалкунанда манъ накардааст, анҷом диҳад.

3.3. Ёрдамчии адвокат ҳуқуқи мустақилона ба фаъолияти адвокатӣ машғул шудан, яъне мустақилона ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонидани ёрии баландихтисоси касбии ҳуқуқиро надорад.

3.4. Ба ёрдамчии адвокат қоидаҳо оид ба риояи сирри адвокатӣ ва меъёрҳои одоби касбии адвокат паҳн мегардад.

3.5. Ёрдамчии адвокат ӯҳдадор аст:

– дар машғулиятҳое, ки аз ҷониби Иттифоқи адвокатҳо ва ташкилоти адвокатӣ гузаронида мешаванд, иштирок намояд;

– қарорҳои мақомоти Иттифоқи адвокатҳо ва ташкилоти адвокатиро иҷро намояд;

– сирри давлатӣ ва адвокатиро нигоҳ дорад, бе иҷозати адвокати сарпараст ва ваколатдиҳанда маълумотҳоеро, ки ҳангоми иҷрои ӯҳдадориҳои ёрдамчии адвокат ба ӯ маълум гаштаанд, ифшо насозад;

– меъёрҳои одоби касбии адвокатҳоро риоя кунад;

– ӯҳдадориҳои касбии худро софдилона иҷро намояд.

3.6. Нисбати ёрдамчии адвокат мумкин аст тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ ва ҷазои интизомӣ, ки қонунгузории амалкунанда, Оинномаи Иттифоқи адвокатҳо ва Оинномаи ташкилоти адвокатӣ пешбинӣ намудаанд, татбиқ карда шаванд.

## 4. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои адвокати сарпараст

4.1. Адвокати сарпараст роҳбарии бевоситаи фаъолияти ёрдамчиро амалӣ менамояд. Музди меҳнат ва суғуртаи иҷтимоии ёрдамчӣ аз ҳисоби ҳаққи хизмати адвокати сарпараст пардохт карда мешавад.

Маблағҳое, ки адвокати сарпараст барои музди меҳнат ва суғуртаи иҷтимоии ёрдамчӣ, инчунин пардохтҳои иловагие, ки ӯ барои таъминоти ташкилоти (воҳиди) адвокатӣ месупорад, хароҷоти касбии ӯ ба ҳисоб меравад.

4.2. Адвокати сарпараст ӯҳдадор аст:

– ёрдамчиро бо қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти адвокатӣ ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ӯ, инчунин бо меъёрҳои одоби касбии адвокат шинос кунад ва риояи онҳоро аз ҷониби ёрдамчӣ дар қисми ба ӯҳдадориҳои меҳнатии ӯ алоқаманд буда таъмин намояд;

– ёрдамчиро бо ҳамаи намудҳои фаъолияти адвокатӣ шинос кунад;

– иштироки ёрдамчиро дар машғулиятҳое, ки аз ҷониби Иттифоқи адвокатҳо ва ташкилоти адвокатӣ гузаронида мешаванд, таъмин намояд;

– ёрдамчиро ба фаъолияти мустақилонаи адвокатӣ роҳ надиҳад;

– дар муддати амали шартнома бо ёрдамчӣ ҳар моҳ аъзоҳақии мақсаднокро барои пардохти музди меҳнат ва суғуртаи иҷтимоии ёрдамчӣ интиқол диҳад.

4.3. Адвокати сарпараст ҳуқуқ дорад:

– ёрдамчиро, барои иҷро намудани супоришҳои алоҳида мутобиқи ӯҳдадориҳои меҳнатии ӯ, ҷалб намояд;

– ба ёрдамчӣ супориш диҳад, ки бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ дар давраи таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ, дар судҳои умумӣ, дигар мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ бо маводҳои парвандаҳо шинос шавад;

– ба ёрдамчӣ, мутобиқи вазифаҳои меҳнатӣ ва қонунгузории амалкунанда дигар супоришҳо диҳад;

– аз ёрдамчӣ иҷрои ӯҳдадориҳояшро, ки шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ намудааст, талаб намояд.

## 5. Асосҳо ва тартиби қатъ гардидани мақоми ёрдамчии адвокат

5.1. Мақоми ёрдамчии адвокат бо қатъ гардидани шартномаи меҳнатӣ қатъ мешавад.

5.2. Дар чунин ҳолатҳо шартномаи меҳнатӣ бо ёрдамчии адвокат қатъ мегардад ва ёрдамчӣ аз ташкилоти адвокатӣ хориҷ карда мешавад:

– дар асоси аризаи шахсии ёрдамчӣ дар хусуси хориҷ кардан аз ҳайати ёрдамчиён;

– ҳангоми эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи ғайриқобили амал ё қобилияти амалаш маҳдуд эътироф намудани ёрдамчӣ;
– ҳангоми эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд оид ба гунаҳгор эътироф намудани ёрдамчӣ дар содир намудани ҷинояти қасдона;
– ҳангоми аз ҷониби ёрдамчӣ содир намудани рафторе, ки шаъну эътибори адвокатураро паст мезанад;
– иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳои касбии худ ва қарорҳои дар доираи ваколаташон қабулнамудаи мақомоти Иттифоқи адвокатҳо ва ташкилоти адвокатӣ;
– ҳангоми ошкор шудани ғайриимкон будани иҷрои ӯҳдадориҳои касбӣ бинобар доштани тахассуси нокифоя ё ба сабаби вазъи саломатӣ;
– бинобар гузаштани мӯҳлати амали шартномаи меҳнатӣ;
– бинобар қатъ гардидани узвияти адвокати сарпараст дар ташкилоти адвокатӣ;
– ҳангоми аз кор кардан бо ёрдамчӣ даст кашидани адвокати сарпараст.

Қатъ намудани шартномаи меҳнатӣ бо ёрдамчӣ ва хориҷ намудани ӯ аз ҳайати ёрдамчиён бо дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузории меҳнат, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» ва Оинномаи Иттифоқи адвокатҳои Тоҷикистон низ мумкин аст.

5.3. Низомномаи мазкур шартҳо ва тартиби ҷалб намудани ёрдамчиёнро аз ҷониби адвокатҳо ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти касбиашон дар ҳамаи ташкилотҳои адвокатии Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд.

5.4. Шартномаи меҳнатӣ бо ёрдамчии адвокат мутобиқи Замимаи № 1 ба Низомномаи мазкур баста мешавад.

5.5. Низомнома, инчунин тағйиру иловаҳо ба он аз лаҳзаи тасдиқ намудан аз тарафи Раёсати Иттифоқи адвокатҳо мавриди амал қарор мегиранд.

Замима № 1

**ШАРТНОМАИ**
**МЕҲНАТИИ НАМУНАВӢ**
**(бо ёрдамчии адвокат)**

«                                                                          »__________20__с.
ш.Душанбе

___________________________________________, ки минбаъд "Ташкилоти
***(номи Ташкилоти адвокатӣ)***
адвокатӣ" номида мешавад, дар симои _________________________________________________________________
_,
***(вазифа, ном, насаб, номи падар)***

ки дар асоси Оиннома амал мекунад, аз як тараф ва шаҳрванд _________________________________________________________________
_________
***(ном, насаб, номи падар)***

_, ки минбаъд «Ёрдамчӣ» номида мешавад, аз тарафи дигар, якҷоя «Тарафҳо», талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ", Низомнома дар бораи ёрдамчии адвокат, ки бо Қарори Раёсати Иттифоқи адвокатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст ва қонунгузории меҳнатро ба роҳбарӣ гирифта, шартномаи мазкурро дар ин хусус тартиб бастанд:

## 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Шартномаи мазкур муносибатҳои меҳнатии байни ташкилоти адвокатӣ ва ёрдамчии адвокатро, ки бо истифода намудани меҳнати ёрдамчиён ҳангоми амалӣ намудани фаъолияти адвокатӣ алоқаманд аст, ба танзим медарорад.
1.2. Ёрдамчӣ фаъолияти худро таҳти роҳбарии бевоситаи адвокат _________________________________________________________________
_____
***(адвокати сарпараст)***

амалӣ менамояд.
1.3. Ҷойи кори доимии ёрдамчӣ:________________________________________ ба ҳисоб меравад.

*(суроғаи корӣ)*

1.4. Шартномаи мазкур барои ёрдамчӣ шартнома оид ба ҷойи асосии кор ба шумор меравад.
1.5. Барои ёрдамчӣ мӯҳлати санҷишӣ ___________ муқаррар карда мешавад.

## 2. Мӯҳлати амали шартнома

2.1. Шартномаи мазкур баста шудааст:
– ба мӯҳлати номуайян аз « » ______________ 200__ с.
– ба мӯҳлати ________ , аз « » ______________ 200__ с. то « » ___________ 200__ с.
2.2. Ёрдамчӣ бояд ба иҷрои ӯҳдадориҳои меҳнатии худ шурӯъ намояд: « ____ » _______________ 200__с.

## 3. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ташкилоти адвокатӣ

3.1. Ташкилоти адвокатӣ ӯҳдадор аст:
– ба ёрдамчӣ мутобиқи қонунгузории амалкунанда ва шартномаи мазкур шароити меҳнат фароҳам орад;
– ба ёрдамчӣ на дертар аз санаи ____________моҳ музди меҳнат ба андозаи _________ пардохт намояд;
– суғуртаи иҷтимоии ёрдамчиро мутобиқи шартҳои пешбининамудаи қонунгузории амалкунанда амалӣ намояд.
3.2. Ташкилоти адвокатӣ ҳуқуқ дорад:
– бо ёрдамчӣ шартномаи меҳнатӣ бандад, онро тағйир диҳад ва бекор намояд;
– аз ёрдамчӣ ичро намудани ӯҳдадориҳои меҳнатиро, ки шартнома пешбинӣ намудааст, талаб кунад;
– ёрдамчиро барои вайрон намудани интизоми меҳнат ба ҷавобгарии интизомӣ кашад;
– бо мақсади таъмини иҷрои супоришҳои алоҳидаи адвокати сарпараст ёрдамчиро ба сафарҳои хизматӣ фиристад ва хароҷоти сафари хизматиро бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат ҷуброн намояд.

## 4. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои адвокати сарпараст

4.1. Адвокати сарпараст роҳбари бевоситаи ёрдамчӣ ба шумор рафта, дар давраи амали шартнома ӯҳдадор аст:

- ёрдамчиро бо қонунгузории танзимкунандаи фаъолияти адвокатӣ ва ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ӯ, инчунин бо меъёрҳои одоби касбии адвокат шинос кунад ва риояи онҳоро аз ҷониби ёрдамчӣ дар қисми ба ӯҳдадориҳои меҳнатии ӯ алоқаманд буда таъмин намояд;
- ёрдамчиро бо ҳамаи намудҳои фаъолияти адвокатӣ шинос кунад;
- иштироки ёрдамчиро дар машғулиятҳое, ки аз ҷониби Иттифоқи адвокатҳо ва ташкилоти адвокатӣ гузаронида мешаванд, таъмин намояд;
- ёрдамчиро ба фаъолияти мустақилонаи адвокатӣ роҳ надиҳад;
- барои ба донишҳо ва малакаи касбӣ соҳиб шудани ёрдамчӣ шароит муҳайё намояд;
- ҳангоми мавҷуд будани қарори дахлдори маҷлиси умумии адвокатҳои ташкилоти (воҳиди) адвокатӣ барои таъминоти ташкилоти (воҳиди) адвокатӣ пардохтҳои иловагӣ интиқол диҳад.

4.2. Адвокати сарпараст ҳуқуқ дорад:

– ёрдамчиро, барои иҷро намудани супоришҳои алоҳида мутобиқи ӯҳдадориҳои меҳнатии ӯ, ҷалб намояд;

– ба ёрдамчӣ мутобиқи вазифаҳои меҳнатии ӯ ва қонунгузории амалкунанда супоришҳои гуногун диҳад, аз ҷумла супориш диҳад, ки бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ дар давраи тафтишоти пешакӣ, дар судҳои умумӣ ва судҳои ҳакамӣ (арбитражҳо), дар дигар мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ бо маводҳои парванда шинос шавад;

– аз ёрдамчӣ иҷрои ӯҳдадориҳояшро, ки шартномаи меҳнатӣ пешбинӣ намудааст, талаб намояд.

## 5. Ҳуқуқу ӯҳдадориҳои ёрдамчӣ

5.1. Ёрдамчӣ ӯҳдадориҳои худро таҳти роҳбарии бевоситаи адвокати сарпараст иҷро намуда, супоришҳои ӯро, ки аз ҷониби номбурда дар доираи пешбурди фаъолияти касбиаш дода шудааст, ба иҷро мерасонад.

5.2. Ёрдамчӣ уҳдадор аст:

– ӯҳдадориҳои меҳнатии худро софдилона ба иҷро расонад;

– амри маъмурияти ташкилоти (воҳиди) адвокатиро иҷро намояд;

– қоидаҳои дохилии тартиботи меҳнатиро, ки дар ташкилоти (воҳиди) адвокатӣ амал мекунанд, риоя кунад;

– ҳангоми иҷро кардани супоришҳои адвокати сарпараст қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ, Низомнома дар бораи ёрдамчии адвокат, Оиннома ва дигар қарорҳои дар доираи ваколаташон қабулнамудаи Иттифоқи адвокатҳо ва ташкилоти адвокатиро ба роҳбарӣ гирад;

– меъёрҳои одоби касбии адвокатро риоя намояд;

– ҳифзи ҳуҷҷатҳои ба ӯ бовар карда супурдашударо таъмин намояд;

– сирри адвокатиро нигоҳ дорад ва бе иҷозати адвокати сарпараст ҳама гуна маълумотҳоеро, ки ҳангоми иҷрои уҳдадориҳои ёрдамчии адвокат ба ӯ маълум гаштаанд, ифшо насозад;

– дар машғулиятҳои амалие, ки аз ҷониби Иттифоқи адвокатҳо ва ташкилоти адвокатӣ гузаронида мешаванд, иштирок намояд;

– ба молу мулки ташкилоти адвокатӣ муносибати эҳтиёткорона зоҳир намояд.

5.3. Ёрдамчии адвокат ҳуқуқи мустақилона ба фаъолияти адвокатӣ машғул шудан, яъне мустақилона ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ расонидани ёрии баландихтисоси касбии ҳуқуқиро надорад.

5.4. Ёрдамчӣ ҳуқуқ дорад:

– аз махзани маълумоти ҳуқуқӣ ва адабиёти махсус, ки дар ташкилоти (воҳиди) адвокатӣ мавҷуд мебошанд, истифода намояд;

– ба мураттабсозии маводи меъёри ҳуқуқӣ, ҷамъбаст намудани амалияи ҳуқуқтатбиққунӣ, ҷамъоварии ҳуҷҷатҳо ва дигар маводҳо, ки барои адвокати сарпараст ҷиҳати иҷро намудани супоришҳои қабулнамуда зарур мебошанд, машғул шавад;

– бо супориши адвокати сарпараст бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ дар давраи таҳқиқи ибтидоӣ ва тафтиши пешакӣ, дар судҳои умумӣ, дигар мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ бо маводҳои парванда шинос шавад, иттилооти заруриро, ки дар парванда мавҷуданд, дарҷ кунад, аз онҳо нусхабардорӣ ё иқтибос намояд;

– дар рафти пешбурди таҳқиқ, амалҳои тафтишӣ ва мурофиаҳои судӣ бо иштироки адвокати сарпараст ҳузур дошта бошад;

– лоиҳаҳои ҳуҷҷатҳои ҳуқуқиро омода намояд;

– бо супориши адвокати сарпараст манфиатҳои ваколатдиҳандаро бо розигии ӯ дар дигар мақомоту ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ намояндагӣ кунад;

– дигар амалҳоеро, ки қонунгузории амалкунанда манъ накардааст, анҷом диҳад.

## 6. Вақти корӣ ва вақти дамгирӣ

6.1. Барои ёрдамчӣ чунин реҷаи корӣ муқаррар карда мешавад:

– ҳафтаи кории панҷрӯза бо ду рӯзи истироҳат;

– рӯзи кории ба меъёр гирифтанашуда.

6.2. Ёрдамчӣ мумкин аст бо риояи шартҳои пешбининамудаи қонунгузории меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рӯзҳои ид ва рӯзҳои истироҳат ба кор ҷалб карда шавад.

6.3. Ба ёрдамчӣ рухсатии меҳнатии ҳарсолаи асосии пардохтшаванда бо давомнокии 28 рӯзи тақвимӣ ва рухсатии иловагии пардохтшаванда барои рӯзи кории ба меъёр гирифтанашуда, ки давомнокии онро ташкилоти адвокатӣ дар мувофиқа бо адвокати сарпараст муайян менамояд, вале ба андозаи на камтар аз 3 рӯзи тақвимӣ, дода мешавад.

6.4. Рӯхсатӣ дар давоми соли корӣ дар ҳар вақт бо созишномаи Тарафҳо ва бо розигии адвокати сарпараст дода мешавад.

6.5. Ҳам рухсатии асосӣ ва ҳам рухсатии иловагӣ барои соли якуми корӣ пас аз гузаштани 11 моҳи кори бетанаффус дода мешавад.

## 7. Шартҳои махсуси шартнома

7.1. Музди меҳнат ва суғуртаи иҷтимоии Ёрдамчӣ аз ҷониби ташкилоти адвокатӣ аз ҳисоби маблағҳое, ки аз пардохтҳои иловагии адвокати сарпараст ҷамъ шудаанд, пардохт карда мешавад.

7.2. Андозаи пардохтҳои ҳатмии ҳармоҳаи адвокати сарпараст барои таъмин намудани ташкилоти (воҳиди) адвокатӣ бояд (набояд) то ________________________зиёд шавад.

## 8. Қатъ гардидани шартнома

8.1. Шартномаи меҳнатӣ бо Ёрдамчӣ дар ҳолатҳои зерин метавонад қатъ гардад:

– бо созишномаи Тарафҳо;

– бо аризаи шахсии ёрдамчӣ;

– ҳангоми эътибори қонунӣ пайдо кардани қарори суд дар бораи ғайриқобили амал ё қобилияти амалаш маҳдуд эътироф намудани ёрдамчӣ;

– ҳангоми эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд оид ба гунаҳкор эътироф намудани ёрдамчӣ дар содир намудани ҷинояти қасдона;

– ҳангоми аз ҷониби ёрдамчӣ содир намудани рафторе, ки шаъну эътибори адвокатураро паст мекунад;

– ҳангоми аз ҷониби ёрдамчӣ иҷро накардан ё ба таври номатлуб иҷро кардани ӯҳдадориҳои касбии худ, инчунин қарорҳои дар доираи ваколаташон қабулнамудаи мақомоти Иттифоқи адвокатҳо ва ташкилоти адвокатӣ;

– ҳангоми ошкор шудани ғайриимкон будани иҷрои ӯҳдадориҳои касбӣ аз ҷониби ёрдамчӣ бинобар доштани тахассуси нокифоя ё ба сабаби вазъи саломатӣ;

– бинобар бо тартиби муқарраршуда ба мақоми адвокат соҳиб шудани ёрдамчӣ;

– ҳангоми қатъ гардидани (боздоштани) узвияти адвокати сарпараст дар ташкилоти адвокатӣ.

Шартномаи меҳнатиро бо ёрдамчии адвокат бо дигар асосҳои пешбининамудаи қонунгузории меҳнат ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура ва фаъолияти адвокатӣ» низ қатъ намудан мумкин аст.

## 9. Шартҳои дигари шартнома

Шартномаи мазкур дар се нусха, ки эътибори якхелаи ҳуқуқӣ доранд, таҳия гардидааст: нусхаи якум дар ташкилоти адвокатӣ нигоҳ дошта шуда, нусхаи дуюм ба ёрдамчӣ ва нусхаи сеюм ба адвокати сарпараст супорида мешавад.

## 10. Имзоҳои Тарафҳо

| Роҳбари Ташкилоти адвокатӣ: | Адвокати сарпараст: | Ёрдамчӣ: |
|---|---|---|
| _____________(_______) | _____________(______) | ___________(_______) |